**Суратмаҷлиси №51**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-021 дар назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 26 июни соли 2023 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсиони бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми майи соли 2023, №122/шд тасдиқгардида, 11 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзои шуро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода шавад. Якдилона пешниҳод ҷонибдорӣ карда шуд.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи “Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ (дар асоси маводҳои забони англисӣ ва тоҷикӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ Саидзода Ҳ., аъзои комиссияи экспертӣ Ҷаматов С. ва Нағзибекова М. баромад намуданд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи “Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ (дар асоси маводҳои забони англисӣ ва тоҷикӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- **Ҷамшедов Парвонахон** – доктори илми филология, профессори кафедраи забонҳои хориҷии АМИТ;

- **Соҳибназарова Ҳавасмо Тиллоевна** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия – **Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва КОА-и назди Президенти ҶТ ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

5. Таърихи рӯзи ҳимоя 21.09.2023, соати 15:00 таъйин карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** якдилона.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Хоҷаев Д.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Мирзоева М.